**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 30 сентябри соли 2023, таҳти №34.

Бораи сазовор донистани Абдуллоева Мадина Камоловна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловнаро дар мавзуи «Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят» аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар таърихи 05.07.2023 сол, суратмаҷлиси №31 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Абдуллоева Мадина Камоловна 17-уми июни соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2004 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2009 аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ» бо дипломи «аъло» хатм кардааст.

Фаъолияти худро соли 2009 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оғоз намуда, аз соли 2013 то инҷониб ҳамчун муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият мебарад.

Аз соли 2013 то 2018 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон буд.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Искандаров Зайниддин Хамидович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Сафарзода Анвар Ислом** – Сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи Славянии Россия – Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқушиносии Донишгоҳи Славянии Россия – Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқукшиносӣ, дотсент Ҳамроев Ш.С. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянии Россия – Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқукшиносӣ, профессор Золотухин А.В. ва котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянии Россия – Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Насков Д.С. имзо ва аз ҷониби ректори Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи Славянии Россия – Тоҷикистон», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М.К. санаи 04.09.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Абдуллоева, М.К., Раҳматулоев, А.Э. Таҳлили назариявии қоидаҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят [Матн] / М.К. Абдуллоева, А.Э. Раҳматулоев // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – №2 (38). – С. 155-159; ISSN 2305-0535.

2. Абдуллоева, М.К. Процессуальное оформление задержания подозреваемого в совершении преступления [Текст] / М.К. Абдуллоева // Академический юридический журнал. – 2022. – №1 (41). – С. 152-155; ISSN 2305-0535.

3. Абдуллоева, М.К. Кафолатҳои конститутсионии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми дастгир кардан бо гумони содир намудани ҷиноят [Матн] / М.К. Абдуллоева // Осори академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №1 (53). – С. 152-155; ISSN 2412-141X.

4. Абдуллоева, М.К. Тартиби мурофиавии дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят [Матн] / М.К. Абдуллоева // Осори академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №4 (56). – С. 72-74; ISSN 2412-141X.

5. Искандаров, З.Ҳ., Абдуллоева, М.К. Кафолатҳои ҳуқуқии боздоштшуда зимни содир кардани ҷиноят [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, М.К. Абдуллоева // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №2 (30). – С. 198-208; ISSN 2414-9217.

6. Абдуллоева, М.К., Авезова, З.Б. Доир ба масъалаҳои таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] /М.К. Абдуллоева, З.Б. Авезова // Масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ дар замони муосир: назария ва амалия (маҷмуаи мақола ва маводҳои конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ (28 ноябри 2013)). – Хуҷанд, 2013. – С. 74-78;

7. Абдуллоева, М.К. Вопросы правового регулирования задержания по подозрению в совершении преступления [Текст] / М.К. Абдуллоева // Материалы международной научно-практической конференции, на тему «Актуальные проблемы юридической науки: вопросы теории и практики» (25 октября 2018 г.). – Казахстан, 2018. – С. 184-186;

8. Абдуллоева, М.К. Риояи ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва масъалаҳои назариявии дастгир кардан [Матн] / М.К. Абдуллоева // I-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ». Маводи конференсия бахшида ба 70-умин солгарди рӯзи қабули эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (7 декабри соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 6-8;

9. Абдуллоева, М.К., Иноятова, А.И. Такмили қоидаҳои дастгиркунӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.К. Абдуллоева, А.И. Иноятова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» (29-30 ноябри соли 2019). – Хуҷанд, 2019. – С. 162-165;

10. Абдуллоева, М.К., Ҷумаев, Н.Ҷ., Илҳом, Д. Ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиа ҳангоми хотима ёфтани тафтиши пешакӣ [Матн] / М.К. Абдуллоева, Н.Ҷ. Ҷумаев, Д. Илҳом // Илм фурӯғи маърифат. Маҷмуи мақолаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конфренсияи байнидонишгоҳӣ бахшида ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021. – С. 36-42;

11. Абдуллоева, М.К. Риояи ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва масъалаҳои назариявии дастгир кардан [Матн] / М.К. Абдуллоева // 5-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ». Маводи конференсия бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон (10 декабри 2022). – Душанбе, 2010. – С. 13-18.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Алиев Ф.Ш.–** Мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Қодирзода Д.С.** – Декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Бобоҷонзода И.Ҳ.** – Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, оид ба қонеъ накардани даъвои гумонбаршуда аз ҷониби прокурор ва шикояти ӯ оид ба ҳолати мазкур, ба суд; оид ба объект ва усулҳои таҳқиқот; оиди баъзе реквизитҳои асосии протоколи дастгир кардан, ки ба пешниҳоди унвонҷӯ ба моддаи 92 КМҶ ҶТ таалуқ дорад ва монанди инҳоро фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– мафҳум ва моҳияти гумон, боздошти гумонбаршаванда ва ҳолати ҳуқуқии дастгиршуда дар мурофиаи ҷиноятиро муайян кардааст;

– табиати ҳуқуқӣ ва ташаккули мафҳуми дастгир кардани шахсро ба сифати гумонбаршаванда дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян намудааст;

– асосҳо ва сабабҳои татбиқ намудани дастгир карданро бо гумони содир намудани ҷиноят таҳлил намудааст;

– масъалаҳое, ки ба татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиаи ҷиноятӣ монеа мешваванд, муайян намудааст;

– татбиқ кардани усулҳои нави муосир аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ҳангоми дасгир кардани шахси гумонбаршударо асоснок намудааст;

– оид ба баланд бардоштани самаранокии татбиқи дастгир кардани гумонбаршуда аз ҷониби мақомот тавсияҳо таҳия намудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** хулосаҳо ва пешниҳодҳои он метавонанд дар такмили КМҶ ҶТ истифода бурда шуда, ба таҳкими қонунӣ ва асоснок будани дастгир

кардан, пурзӯр кардани кафолати ҳуқуқҳои гумонбаршуда мусоидат намоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳангоми коркарди маводи таълимӣ ва методӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурда шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои ҳуқуқӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, методи таърихӣ, методи абстрактсия, оморӣ, мантиқӣ, шаклбандӣ, тафсир, тарҳрезӣ ва ғ. истифода карда шудаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба мисли А.Л. Арипов, М.С. Ғозиев, З.Ҳ. Искандаров, Н.А. Қудратов, И.Т. Маҳмудов, Х.М. Мирзамонзода, И.С. Мухаммадиев, А.А. Муҳитдинов, И.А. Одинаев, Р.Ҳ. Раҳимзода, А.Э. Раҳматулоев, Р.Р. Раҳмадҷонзода,Е.С. Березена, Ю.Ю. Ксендзов, Н.В. Луговетс, В.Ю. Мелников, К.В. Питулко, Ю.Б. Плоткина, В.В. Рудич, А.И. Сергеев, А.В. Солтанович, И.И. Сухова, Ю.В. Тсарева, А.А. Чувилевва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои дастгир намудани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят ҷамъбаст ва густариш медиҳад. Гузашта аз ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масоили дастгир намудани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода гаштанаш мумкин аст. Таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ёрӣ расонад. Хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои гумонбар ҳангоми дастгир намудан бо гумони содир намудани ҷиноят дар амалия мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонад дар раванди пешгирии қонуншиканиҳо ҳангоми дастгир намудани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят ва интихоб намудани чораҳои мубориза ба он мусоидат намоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳангоми коркарди маводи таълимӣ ва методӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурда шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** таҳқиқот ба Конститутсияи ҶТ, қонунгузории байналхалқӣ, КМҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар ҶТ (2018-2028), КҶ ҶТ, қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда», «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-

ҷустуҷӯӣ», «Дар бораи милитсия», Барномаи ислоҳоти судӣ-хуқуқӣ дар ҶТ (2007-2021) асос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи дастгир намудани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории қишварҳои хориҷӣ оид ба дастгир намудани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба масъалаи мазкур асос меёбад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо ширкати бевоситаи ӯ дар гузаронидани таҳкикоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳуму таърифҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия ифода меёбад. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 30-юми сентябри соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Абдуллоева Мадина дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, тахти №15/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктордни илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** Шарипов Т.Ш.

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** Назаров А.Қ.

30-юми сентябри соли 2023